Тадж. 25/582

КАРИМОВА МУНАВВАРА

# СТЕНОГРАФИЯ

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
1991

КАРИМОВА МУНАВВАРА

Стенография. Душанбе: Маориф, 1991

Муҳаррир *Саййд Ғаффор*

Муҳаррири махсус: Ҳақназарова Хосият.

К 1203020200—548 / 504(12)—90 бе эълон

ISBN 5—670—00470—1

©Каримова М., 1991

# МУҚАДДИМА

## АҲАМИЯТИ СТЕНОГРАФИЯ

Стенография хатест, ки ба воситаи аломатҳои махсуси кӯтоҳ ба зуднависӣ мусоидат мекунад. Агар бо хатнависии муқаррарӣ дар як дақиқа ба ҳисоби миёна 20 калима навиштан мумкин бошад, стенография имконият медиҳад, ки дар як дақиқа то 60—75 калима навишта шавад. Стенографистони моҳир дар як дақиқа то 110—140 калима менависанд. Яъне ин суръат бо суханронии нотиқ баробар меояд. Инак, хулоса мебарорем, ки ба воситаи стенография вақти нутқнависӣ 6—7 маротиба ихтисор карда мешавад.

Вазифаи аввалини стенография ин тезнависӣ мебошад. Ба воситаи стенография дар анҷуманҳо, маҷлисҳо нутқҳо зуд навишта мешаванд. Ғайр аз ин, стенография дар кори шахсии одамон, дар кори ҳаррӯзаи бисёр ходимон, котибҳо, нависандаҳо, донишҷӯён хеле ёрӣ мерасонад.

Барои дар корҳои шахсии ҳаррӯза истифода бурдани хати стенографӣ, барои зуднависӣ бо суръати 60—75 калима навиштан кифоя аст. Аммо барои ихтисоси баланд, барои нутқнависӣ дар анҷуманҳою маҷлисҳо дар як дақиқа то 90 калима навиштан лозим меояд. Он гоҳ омӯзиши стенография бояд то 2 сол давом дода шавад.

Системаи стенографии тоҷикӣ дар асоси системаи давлатии Н. Н. Соколов сохта шудааст. Системаи стенографии тоҷикӣ дар соли 1933 дар курси Олии Педагогии Стенографии Миллатҳо дар шаҳри Москва (дар назди ВЦИК) сохта ва тасдиқ шуда буд. Дар он курс аз рӯи ин система чанд нафар фарзандони тоҷикистонӣ омӯзиш доштанд ва ба онҳо худи муаллифи система Н. Н. Соколов машғулият мегузаронид.

Дар шаҳри Душанбе, дар солҳои 1942—1949 курси стенографӣ ҳам ба забони тоҷикӣ, ҳам ба забони русӣ амал мекард. Он курс дар назди Вазорати маорифи халқи Тоҷикистон ташкил шуда буд ва ҳавасмандонро фаро мегирифт. Хатмкунандагони курс дар идораҳои Шӯрои Вазирон, Шӯрои Олии ҷумҳурият, дар анҷуману маҷлисҳо, дар редакцияи рӯзномаҳо кор мекарданд.

## НИШОНДОДҲОИ МЕТОДӢ

Дар ин курс назарияи пурраи хати стенографӣ дода мешавад: аломатҳои алифбои стенографӣ, калимаҳои серистеъмол, машқҳо, луғат.

Барои то 60—75 калима дар як дақиқа навиштан ба хати стенографӣ техникаи тезнависии хатро аз худ кардан лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки суръати тезнависӣ дар натиҷаи такроран навиштани машқҳо зиёд шудан мегирад. Аммо аломатҳои хат ва машқҳоро айнан ва бо хати хушрӯй, шакл ва андозаи аломатҳоро мувофиқи қоида бояд навишт. Дар аввали омӯзиш зуднависӣ, ё худ ба қоидаи навиштани аломатҳо нигоҳ накарданро маслиҳат намедиҳем.

Суръати тезнависӣ на фақат ба кӯтоҳии аломати хат, балки ба таҷрибаи зуд аз худ кардани шакли навиштани аломатҳо вобаста аст. Матни хат чӣ қадар бисьёр навишта такрор шавад, ҳамон қадар даст ба тезнависӣ одат мекунад.

Дар вақти омӯзиши назарияи стенография лозим меояд, ки алифбо ва аломатҳо дар қоғази духата ё худ қоғази катакдор навишта шаванд, зеро шакли ҳарфҳо андозаи махсус дорад. Баъди аз худ кардани назария дар қоғази яккахат навиштан имкон медиҳад. Хатро бо қалами худнавис (на қалами оддӣ) навиштан лозим аст.

## НАЗАРИЯ

Алифбо: Хати стенографӣ ҳамчун хати муқаррарӣ дар асоси алифбо сохта шудааст. Ҳарфҳои стенографӣ бо аломатҳои махсуси кӯтоҳ муайян карда шудаанд. Ғайр аз аломатҳои ҳарфҳо дар назария аломатҳои кӯтоҳихтисор, ки бо қоидаи махсус сохта шудаанд, нишон дода мешаванд. Бинобар ҳамин, ихтисоршавии хати стенографӣ аз хати муқаррарӣ кӯтоҳтар буда, зудтар навишта мешавад.

Стенографияи тоҷикӣ чун алифбои забони тоҷикӣ 39 ҳарфро дар бар мегирад.

Аксари ҳарфҳои ҳамсадои алифбо ба аломатҳои стенографӣ монанданд.



## ДАРСИ ЯКУМ

## АЛОМАТҲОИ СТЕНОГРАФӢ

Хати стенографӣ ҳамчун хати муқаррарӣ бо ҳарфҳо навишта мешавад. Ҳарфҳо аломатҳои стенографӣ аз унсур-шаклҳои ҳарфҳои муқаррарӣ гирифта шудаанд ва кӯтоҳтаранд.

Ҳар як аломати ҳарфҳо бояд чанд маротиба такроран ва оҳиста навишта шавад, то ин ки даст ба навиштани он аломатҳо одат кунад, ром шавад.

### ШАКЛУ АЛОМАТИ ҲАРФҲО ВА АНДОЗАИ ОНҲО:




Калимаҳо дар хати асосӣ навишта мешаванд. Аломати нимандозагӣ аз хати асосӣ сар шуда, то нисфи хат меистад.

Аломати якандозагӣ аз хати асосӣ то хати назоратӣ навишта мешавад.

Аломати дуандозагӣ аз хати асосӣ навишта шуда, аз хати назоратӣ як андоза боло мегузарад.

Аломати сеандозагӣ бошад, аз хати асосӣ поён ва аз хати назоратӣ боло мебарояд. Ин қоидаро дар мавриди аввали омӯзиш аз худ кардан лозим аст. Баъд аз он ки даст одат кард, аломатҳои стенографӣ ва шакли онҳо аз худ шуд, хатро дар қоғази яккахат ё бехат навиштан мумкин аст.

### АЛОМАТҲОИ ҲАРФҲОИ ҲАМСАДО





к в ф п м щ ж–ҷ л



б г–ғ х–ҳ ч ш қ ц



а

Машқ: Аз рӯи намунаи боло аломатҳои ҳарфҳои ҳамсадои алифборо машқ кунед. Ба шакли аломат, ба ҳалқаҳои он диққат карда нависед, то ки аломатҳо айнан навишта шаванд.

Ин машқро 3—4 маротиба такроран нависед.

Аломатҳоро ва, умуман, хатро озодона, бефишор навиштан лозим аст.

Ин машқро нависед.





## ҲАМРОҲ НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ҲАМСАДО

Аломатҳои ҳамсадо дар калимаҳо пайваст навишта мешаванд. Яъне дастро (қаламро) аз қоғаз наканед, пайваста нависед.

Мисол:





кн вн кс кт пс кам нам дам СССР .

Машқ:

кп вс мс мн пк нк нм ск дк дс тс

Ҳамсодоҳои пайваста дар боло нишон додашударо бо аломатҳои стенографӣ нависед.

Ҳарфҳои Л, Р, З барои осон навишта шуданашон бо ҳарфҳои нӯгтез ба тартиби дигар, яъне ҳалқаашон ба тарафи чапи ҳарф гардонида навишта мешаванд.

Мисол:



кл вз вл хр хл қр тл тз

Машқ: Аломатҳои дар боло нишондодаро 2—3 маротиба навишта бароед.

Ҳарфҳои ҳамсадоро (чунон ки дар боло навишта шудааст) пайваста нависед. Қаламро сахт зер накамоед, озодона ва моил нависед.

## ДАРСИ ДУЮМ

### ҲАРФИ «А»

Ҳарфи «а» аломати дуандозагӣ дорад, аз поён ба боло ва моил навишта мешавад.

Ҳарфи «а» дар хати стенографӣ танҳо дар аввал ва охири калима меояд. Дар аввали калима ҳарфи «а» аз поёни хати асосӣ навишта шуда, ба сари ҳарфи баъд аз «а» омада мерасад.



а аз аср акт акс амр



асп аксар ақл абр авч

Дар охири калима ҳарфи «а» аз поёни хати асосӣ навишта шуда, ба сари ҳарфи баъд аз «а» омада мерасад.
Мисол:



ба ва мана ана арра тана

Машқ: Калимаҳои зеринро машқ кунед:



самара арафа қалъа тахта адабӣ



амалӣ арра абра алоқа ахбор

Машқ: Ин мисолҳоро бо аломати ҳарфи «а» нависед ва хонед:



агар асал марра ариза барра



архив акс албатта Акрам Акбар



## ДАРСИ СЕЮМ

### ҲАРФИ «И»

Ҳарфи «и» дар мобайн ва охири калима бо аломати хатчаи якандозагӣ аз поён ба боло ва моил ва дар аввали калима аз хати асосӣ навишта мешавад. Ҳарфҳои майдаро то хати контролӣ навиштан лозим меояд.
Мисол:



и–й ин из ид ир ис инс

Ҳарфи «и» дар охири калима ва нуқтаи охирини ҳамсадои пеш аз «й» буда навишта мешавад.
Мисол:



ками дами каси иди диди шишти

Ҳарфҳои майдаи баъд аз ҳарфи «и» омада аз хати асосӣ як андоза боло навишта мешаванд.
Мисол: Ҳарфи «и» ба боло кашида шуд:



ин инкор инак инсон

Ҳарфи «и» дар мобайни калима пеш аз ҳарфҳои майда ва пеш аз ҳарфи «л» ба тариқи зерин навишта мешавад:



тин тир тит дин дид дил

Ҳарфи «и» дар мобайни калима, баъд аз ҳарфҳои калон, албатта, нишон дода мешавад. Ҳарфҳои калон баъд аз ҳарфи «и» нимандоза аз хати асосӣ боло бардошта навишта мешаванд.

Мисол:



тик тип ким сим чим тибб

Машқ: Мисолҳои зеринро якчанд маротиба нависед . Аломатҳои калони аз хати асосӣ паст мефаромадагӣ баъд аз ҳарфи «и» як андоза бардошта навишта мешаванд.

Мисол:



кишт хишт бигир бигиз

Машқ: Ин мисолҳоро бо аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед.

гир чин шин зина танга

амма тана малла пилла тира

Машқ: Мисолҳои зеринро нависед.



ит ин ид ир из иф ич



ип ик им иқ иб иш их



Машқ: Мисолҳои зеринро бо аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед:



бин исм иваз идӣ диди ибо



мис миз тин тир тим сим



гир шир шим шин бин

## ДАРСИ ЧОРУМ

## ҲАРФҲОИ «Е» ВА «Э»

Ҳарфҳои «е» ва «э» якхелаанд, дар аввал, мобайн ва охири калима бо хатчаи нимандозагӣ — бо аломати алифбоӣ аз хати асосӣ сар шуда, ба тарафи рост моил навишта мешаванд.



е те тез сер зер сел шер



бед бел дер

Аломатҳои калони як ва дуандозагӣ баъд аз ҳарфи «е» ва «э» аз хати асосӣ нимандоза фароварда навишта мешаванд.

Машқ: Мисолҳои нишондодаро нависед.



век веш вем веҷ меб ҳеҷ



хеш бем кем лек лекин пеш



беш печ бек чек мех хеш

Аломатҳои майда пеш аз ҳарфҳои «е» ва «э» аз хати асосӣ ним андоза боло навишта мешаванд, то ин ки аломатҳои калони баъд аз ҳарфи «е» меомадагӣ дар ҷои асосиашон истанд. Мисол:



рег дег деҳа реша рехт сел себин

Машқ: Калимаҳои зеринро бо аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед:

бел бех лек шер шева шеф герб



гелос мева беша беда меҳр мел

деҳа деҳқон девор девон зер зерин

зеҳн зебо нек некӣ себин заррин

## ҲАРФИ «О»

Ҳарфи «о» бо аломати алифбоии худ — хатчаи уфуқии нимандозагӣ навишта мешавад. Дар аввал ва охири калима ҳарфи «о»-ро навиштан лозим аст.

Мисол:



о ок оп оф ом оч ол



ор од от ос ог ош оқ



об оч ох обӣ ошӣ обод

Дар аввали калима ҳарфи «о» бо нӯги ҳарфи баъд аз «о» меомадагӣ баробар сар карда мешавад, то ки ҳар як ҳарф ҷои худро дигар накарда дар хати асосӣ навишта шавад.

Дар мобайн ва охири калима аксаран ҳамсадои баъд аз «о» меомадагӣ аз хати асосӣ ба зер фароварда мешавад. Аломати ҳарфи «н» ҳам баъд аз ҳарфи «о» ба зер фароварда мешавад.

Мисол:



он дон рон мон кон тон нодон

Бинобар он ки ҳарфи «л» шакли доирагӣ дорад, вай баъд аз ҳарфи «о» ба сари ҳамсадои оянда баргардонида навишта мешавад.

Мисол:



кол вол пол мол дол



хол шол зол Хор бор

Машқ: Мисолҳои зеринро чанд маротиба такроран нависед.



оро дор доро нор борон



пора опера одат охир оқил



Машқ: Калимаҳои зеринро ба аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед:

озод обод боло доно ободӣ

водӣ абадӣ нодонӣ амон замон

кон қолин мақом охирин оқилона

### ДАРСИ ПАНҶУМ

## ҲАРФИ «У» ВА «Ӯ»

Ҳарфи «у» ва «ӯ» хати якуним дуандозагӣ, уфуқӣ мебошад. Аломати ҳарфи «у» ва «ӯ» дар аввал, мобайн ва охири калима навишта мешавад. Ҳарфи «у» дар аввали калима ба сари ҳарфи аз паси ҳарфи «у» меомадагӣ пайваст мешавад, то ин ки аломатҳои баъд аз ҳарфи «у» меомадагӣ дар хати асосӣ навишта шаваяд.

Мисол:



у-у узв усул умед



указ улуғ улфат

Дар мобайни калима аломати ҳарфи «у», «ӯ» андак аз рахи асосӣ болотар меистад.

Машқ: Ин калимаҳоро якчанд маротиба нависед:



тут буд хум мум



хӯш кум муз зулф



чӯл чӯпон буз ғӯза ғӯра

Машқ: Ин калимаҳоро бо аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед.

қувва қурб қурбон кушод кушодан

кӯш-иш, куш қум ӯҳда умда чумла

бузург бозор шудгор шурӯъ ҳуқуқ



## ҲАРФИ «Я»

Аломати ҳарфи «я» ҳамчун аломати ҳарфи «а» дар аввали калима аз хати асосӣ як андоза поён сар шуда ба нӯги садоноки оянда пайванд мешавад. «Я» дуандозагӣ буда, хати моил мебошад. Ҳарфи садоноки баъд аз «я» меомадагӣ дар хати асосӣ меистад.

Дар мобайн ва охири калима аломати ҳарфи «я» бо аломати алифбоии худ, хати уфуқии дуандозагӣ муайян шуда, аз нуқтаи охирини ҳамсадои пешоянда сар мешавад.

Шаклан аломатҳои «я» ва «а» монанд бошанд ҳам, фарқ доранд. Хати аломати «я» ба тарафи рост моилтар навишта мешавад.

Мисол:



я як ях ярок Ялта



Якин Яла якто ягон

Машқ: Ин мисолҳоро бо аломати стенографӣ нависед:

яъне ягона якхел яқинӣ якчоя

якчанд якрӯя якбора яхдон яхмос

## ДАРСИ ШАШУМ

## ҲАРФИ «Ю»

Аломати ҳарфи «ю» мувофиқи шакли алифбоӣ бо хати уфуқии сеандозагӣ навишта мешавад. Аломати ҳарфи «ю» ба ҳарфи «у» монанд аст, аммо «ю» сеандозагӣ — хати дарозтар буда ҳарфи «у» ду андоза дорад.

**Мисол:**



у ю юрма юрға юғ



бюро ғура юрт юрмон

**Вазифа:** Мисолҳои қайдшударо якчанд маротиба нависед.

## ҲАРФИ «Й»

Ҳарфи «й» дар мобайни калима бо апостроф муайян карда мешавад. Ба болои ҳарфи пеш аз «й» меомадагӣ апостроф мондан лозим аст.

**Мисол:**



раён майл майдон майда майна

Ҳарфи «й» дар охири калима ба тарафи чап гардонишуда, аз поён ба боло ва дастро аз хат наканда навишта мешавад.

**Мисол:**



ой юй уй ий эй яй вай



**Машқ:** Калимаҳои зеринро чанд маротиба навишта бароед:



най кай май йой чой мӯй



рӯй бӯй чой ҷӯй

**Машқ:** Калимаҳои зеринро бо аломати стенографӣ нависед ва хонед:

пай хайр шӯй кӯй поён

намоён ҷараён чойдон майлон

маъюс маъюб Юнус Юсуф

Дар мобайни калима ҳарфи «й» кам кор фармуда мешавад, бинобар он, дар таҷриба истеъмол намешавад.

## ДАРСИ ҲАФТУМ

### ОБЗОРИ МУҚОИСАВИИ ОВОЗҲОИ САДОНОК

Тарзи навиштани овозҳои садонокро бо ҳарфи «к» муқоиса карда, схемаи зеринро мебинем:



к ко ку кю ки ке ка

Аз ин маълум аст, ки овозҳои садонок се хел навишта меша ванд. Яъне ҳарфҳои и, а ба тарафи боло навишта мешаванд Ҳарфҳои е ва я ба тарафи рост моил навишта мешавад ва ҳарфҳои о, ю, у ба тариқи хати уфуқӣ мебошанд.

Мисол:



кат кет кот кит кут кят қуш хуш

Вазифа: мисолҳои дар боло овардаро чанд маротиба такрора нависед.

## ДАРСИ ҲАШТУМ

### АЛОМАТҲОИ ПАЙВАСТА

Дар стенографияи барои хатнависиро кӯтоҳ (ихтисор) кард навиштан, аломатҳои пайваста сохта шудаанд. Аломатҳои пай васта аз ҳиссачаи ҳарфҳои алифбоии стенографӣ гирифта шуд даанд.

Аломатҳои пайвастан бо ҳарфи садоноки «а» навишта ша ванда инҳо мебошанд:





сн-сан св-сав дл-тл дал-тал нт-нд нат-над тв-тб тав-таб



бл-бал мк-мқ мак- мақ став

Аломатҳои пайвастан дар боло қайд кардаро аз худ кунед. Аломатҳоро чанд маротиба такроран нависед.

Машқ: Калимаҳои зеринро бо аломатҳои стенографӣ нависед ва хонед:

сана санг савдо савро сангин

Мисол:



дар тар так такрор таклиф



тартиб торафт торик тарбуз

Машқ: Калимоҳои дар боло нишондодаро такроран нависед.

## АЛОМАТҲОИ ПАЙВАСТАИ АЗ ҲАРФҲОИ ЗЕРИН СОХТА ШУДА

Ин аломатҳо ҳам бо садоноки «а» ва «о» кор фармуда мешаванд. Аломати ҳарфи «др» нисбат ба «тр» андоза (ҳалқаи)-и калонтар дорад.

Аломати «тк» ва «дк» аз аломати алифбоии ҳарфи «к» сохта шудааст. Аломати «др» аз аломати ҳарфи «р» сохта шудааст, вале ҳалқааш паҳнтар буда, аз рост ба тарафи чап баргардонида мешавад.

## ДАРСИ НӮҲУМ

Аломатҳои пайвастаи ҳк-ҳқ, хук-ҳук, сл-сол, пш-пеш, лам-лум бо ду хел ҳарфи садонок хонда шуда, дуандозагӣ мебошанд.



ҳк-ҳқ лам-лум сл-сол пш-пеш

Аломатҳои ҳқ-ҳк аз аломати ҳ ва қ, аломатҳои пайвастаи лам-лум аз аломати м ва қ сохта шудаанд. Аломатҳои пайвастаи «сл»-сол, аломати калон карда шудаи ҳарфи «л» буда, дуандозагист ва аз поён ба боло навишта мешавад. Аломатҳои **пш-пеш** аз аломатҳои «п» ва «ш» гирифта шуда, дуандозагӣ мебошад. Мисол:



ҳақ ҳуқуқ олам маълум асл

Машқ: Мисолҳои дар боло навиштаро машқ карда бароед.

Аломати пайвастаи **ст** аз аломатҳои «с» ва «т» сохта шуда, шаклан ҳарфи алифбоии «т» мебошанд, вале калонтаранд. Мисол:





ст даст паст ист



зист кист маст хаст

Машқ: Ин мисолҳои нишондодаро чанд маротиба нависед.

Аломатҳои пайвастаи «ин» аз аломати калоншудаи ҳарфи «и» шакл гирифтаанд.



ин

Аломатҳои «иш» ва «ич» аломати дуандозашудаи ҳарфи «и» буда, рост навишта мешавад.



иш – ич

Аломати «з» ва «а» аз хати назоратӣ мефарояд.



за

Аломати «кол», «ком» аломати алифбоии ҳарфи «к» буда, дуандозагӣ аст.



кол – ком

Баъд аз аломатҳои пайвастаи «за», «ком», «кон» аломатҳои ҳарфҳои бесадо дар рахи асосӣ бояд навишта шаванд. Мисол:



ин инкор инсоф институт



замон забон комия комитет комиля

## ДАРСИ ДАҲУМ

Аломатҳои пайвастаи зерин аз аломатҳои алифбоии худи ҳарфҳо гирифта шудаанд.



пра-про проф ме эк-экс

Аломатҳои пайвастаи **пра-про** — аломати ҳарфи «с» буда, кач карда шудааст.

Аломати пайвастаи **проф** «з» аломати ҳарфҳои про ва ф мебошад.

Аломати пайвастаи **ме** аломати ҳарфи «е» буда, нимандозагӣ аст ва аксаран дар боло аз хати кезоратӣ сар мешавад.

Мисол:

Аломати экс аз аломати «е» ва «к» гирифта шудааст.



протокол прфсоюз мева мебуд мегуфт





мебоист мещуд экран экспорт экспресс

Машқ: Мисолҳои дар боло қайдшударо якчанд маротиба нависед.

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

## ПЕШОЯНД (ПРЕФИКС)-ҲО

Дар стенография баъзан қоидаи хатнависӣ бо қоидаи грамматикии забон баробар намеояд. Аз ин рӯ, то мумкин аст, бароя осонтар ва кӯтоҳтар навишта шудани калима кӯшиш кардан даркор. аз ҳамин сабаб, ба пешояндҳои забони тоҷикӣ аломатҳои шартӣ дода мешаванд. Баъзан онҳоро бо аломати алифбоиашон ҳам кор мефармоянд.

Пешояндҳо:



ба бо бе ва аз дар то



пеш бад барои пас зер назд ғайр аз

Машқ: Мисолҳои зеринро такроран нависед.



барои ин барои ин ки барои чӣ даркор дар хона



дар пеш аз пештар пештара дар мактаб колхоз

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

### СУФФИКС (ПАСОЯНД)-ҲО

Дар стенография ба суффикс (пасоянд)-ҳо аломати махсуси ихтисоршуда дода шудааст. Калимаҳо ба воситаи ин суффикс (пасоянд) хеле кӯтоҳ мешаванд.

Суффикс (пасоянд)-ҳо бо алаоматҳои **а, я:**



аст ааст анд ааанд ят яд вар



ана рафтаст рафтааст рафтаанд донист



донистааст бу-даст будааст буданд будаанд



омадаст омадааст бояд кишвар Диловар



**Машқ: Мисолҳои дар боло нишондодаро якчанд маротиба нависед.**

Суффикс (пасоянд)-ҳои зерин ҳам аз аломатҳои ҳарфҳои алифбоии стенография сохта шудаанд:



он-гон от- ёт ҳо ҳои

**Аломати ҳарфи о н он мешавад.**
**от-ёт аз аломати о ва т гирифта шудааст.**
Аломати дуандозагии а ва й пасоянди **ҳо-ҳои** мешавад.



онон з-амон чунон тараққиёт



адабиёт онҳо корҳо гулҳо боғҳо

**Мисолҳои нишондодаро такроран нависед.**

**Машқ:** Ин калимаҳоро бо аломати стенографӣ нависед:

корҳои боғҳои заводҳо колхозҳо

депутатҳо шаҳрҳо газетаҳо журналҳо

китобҳои одамон олимон талабагон

## ДАРСИ СЕНЗДАҲУМ

### СУФФИКС (ПАСОЯНД)-ҲО



ви ки-аки нок лан-лон нандагон дем тем



анда ция зация лог из вад

**Машқ:** Калимаҳои дар поён қайдшударо машқ карда бароед.



оммавӣ ҳаҷвӣ торикӣ корнок дастакӣ



пешакӣ комилан асосан хонандагон



омӯзандагон баранда резолюция геолог биолог



равад бувад коммунизм марксизм стено[граф]





телеграф полиграф будем омадем

### ҲАРФҲОИ САДОНОКИ ИЛОВАГӢ

Ҳарфҳои садоноки иловагӣ ним андоза дошта, дар ҳати асосӣ меистанд.



а е–ё ю у–у

**Мисол:**



санъат саноат қаноат фаъол



вақт умед услуб унвон



унсур ёхуд ёрӣ ёки



ёдгорӣ маъюб маъюс июнь

## ДАРСИ ЧОРДАҲУМ

## ҚОИДАҲОИ ХАТНАВИСӢ

Дар хатнависӣ агар аломати аз хати асосӣ ба боло бардошташаванда ояд, аломати баъд аз он оянда ҳам баробари он дар хати асосӣ навишта мешавад.

Мисол:



тираж термин муҳимм санҷиш



супориш диққат иқтисодӣ тартиб

Агар калима дар худ якчанд овози садонок дошта бошад ва садоноки дуюми он ҳарфи «о» бошад, ҳарфҳои калони баъд аз ҳарфи «о»-омада аз хати асосӣ ба боло бардошта мешаванд.

Мисол:



ко-тиб котибот матбуот адабиёт

Агар калимаҳои серистеъмол ва пасояндҳо ду ҳарфи садонок дошта бошанд, дар он сурат садоноки якумро партофта, садоноки охиринро навиштан лозим аст. Ин қоида дар он вақт риоя карда мешавад, ки калимаҳо ба якдигар монанд набошанд ва саҳв нашаванд.

Мисол:



соя поя армия химия



Мисолҳои нишон додаро такроран нависед.

Машқи зеринро бо аломатҳои стенографӣ нависед.

Машқ: Ман дар шаҳр зиндагонӣ мекунам. Шаҳри мо калон аст. Дар майдонҳои шаҳр гулзорҳои зебо бисьёранд. Шаҳр бисьёр идораҳои илмӣ, фабрику заводҳо дорад. Дар мактабҳои миёна, олӣ, техникумҳо ҷавонон мехонанд. Бародари ман дар институти химия кор мекунад. Ҳамсоямон дар матбаа ходим аст.

## ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ

## ҚОИДАИ НАВИШТАНИ АДАДҲО

Дар стенография аломати ададҳо аз ҳамон ададҳои муқаррарӣ гирифта мешавад. Лекин барои аз дигар аломатҳои ҳарфҳои стенографӣ фарқ кардан, ин ададҳо дуандозагӣ мебошад.



Сад бо аломати
ҳазор бо аломати
миллион бо аломати
миллиард бо аломати



майда навишта мешавад.

Ин аломатҳо нимандозагӣ буда, дар болои хатти назоратӣ меистанд.

Мисол:



ду сад се ҳазор чаҳор тонна панҷ миллиард шаш миллион



сад ҳазор даҳ миллион чаҳор сад миллиард сад ҳазор

Дар шумораҳои тартибӣ баъд аз навиштани адад дар тарафи рости он нуқта гузоштан лозим аст.
Мисол:



якум дуюм сеюм чорум панчум шашум



ҳафтум ҳаштум нуҳум даҳум ёздаҳум

Фоизҳо: Баъд аз навиштани адад барои нишон додани фоизи он як хати рости сеандозагӣ кашида мешавад.
Мисол:



I0% 25 % I00 % I00 000 %

Барои ихтисор намудани хат, баъзан дар амал аломатҳои математикӣ кор фамуда мешаванд.
Чунончӣ:



нисфи чоряки баробар зиёд барзиёд бисьё



калон бисьёртарин аз як тараф аз тарафи дигар



РАҚАМҲОИ квартал, панҷсола ним андоза доранд ва дар зери хати назоратӣ навишта мешаванд:



квартали якум квартали дуюм панҷсола панҷсолаи панҷум

МАСОФА ВА ВАЗНҲО ИН ТАВР ИФОДА МЕЕБАНД:



I0 километр 2 гектар 3 тонна I метр

## ИСМҲОИ ХОС

Исмҳои хоси машҳурро бо ҳарфҳои аввалашон навишта, дар зери онҳо хатчаи майда кашидан лозим аст.

Исмҳои классикони марксизм-ленинизм ин тавр навишта мешаванд:



Маркс Карл Маркс Энгельс Ленин Владимир Ильич Ленин



марксизм ленинизм ленинӣ марксизм-ленинизм

Машқ: Ин машқро бо аломатҳои стенографӣ нависед.

Мо забонҳои тоҷикӣ ва русиро меомӯзем.
Ман китоби нав харидам.
Донишҷӯён ба китобхона рафтанд.
Дар шаҳр ярмарка ташкил шуд.

Колхоз плани пахтасупориро барзиёд ва пеш аз мӯҳлат иҷро кард.
Аз колхоз 100 қуттӣ мева омад.
Бригадаи тракторчиёни пешқадам мукофотонида шуд.
Дар маҷлис чапакзанӣ баланд шуд.
Шаҳри мо боғи истироҳат ва маданият дорад.







## ФРАЗЕОГРАММАҲО

Дар стенография барои кӯтоҳшавии хат ду-се калимаҳои пай дар пай оянда якҷоя навишта мешаванд. Инро фразеограмма меноманд. Дар поён фразеограммаҳои серистеъмолро нишон медиҳем.

Аз як тараф 

Аз тарафи дигар 

Аз ин сабаб 

Асри 20 

Асбобу анҷом 

Аҳмият додан 

Академияи Фанҳо 

Ба вуҷуд овардан 

Барои он ки 

Ба куллӣ 

Ба назар гирифтан 

Ба ҳар ҳол 

Барои сулҳ 

Ба амал татбиқ кардан 

Бинобар ин 

Бозсозӣ 

Бо диққат 

Бо муваффақият 



Вазифаи асосӣ 

Вазифаи муҳимм 

Вазифаи аввалин 

Вазифаи минбаъда 

Ватандӯстӣ 

Вазъияти байналхалқӣ 

Дар бораи 

Дар оянда 

Дар ҳақиқат 

Е ин ки 

| | |
|---|---|
| Ё худ |  |
| Ерӣ расонидан |  |
| Ҷамъбаст кардан |  |
| Ҷамъбаст намудан |  |
| Зиёд кардан |  |
| Муайян карда шавад |  |
| Диққати калон дода шудааст |  |
| Дар оянда |  |
| Муайян карда шудааст |  |
| Суръати тез |  |



| | |
|---|---|
| Ҷанги Бузурги Ватанӣ |  |
| Ҷолиби диққат |  |
| Ҷойи 1-м |  |
| Ҷустуҷӯ |  |
| Забони адабӣ |  |
| Забони модарӣ |  |
| Замони ҳозира |  |
| Зарбаи қатъӣ |  |
| Зинда бод |  |
| Забони арабӣ |  |

Забони форсӣ



Иттифоқи Советӣ



Иҷрои план



Ихтисоси баланд



Иштироки фаъолона



Исбот кардан



Интихоб кардан



Институти илмӣ-тадқиқотӣ



Ислоҳоти иқтисодӣ



Қарори ҳукумат





Қонуни забон



Қарори Комитети Марказӣ



Кори оммавӣ



Кори амалӣ



Кори ҷиддӣ



Кори тадқиқотӣ



Киштукор



Колхоз ва совхозҳо



Қайд кардан лозим



Каму беш



Кўшиш кардан 

Лоиҳаи қонун 

Майдони кишт 

Мубориза барои сулҳ 

Маданияти халқ 

Маорифи халқ 

Масъалаи муҳимм 

Мактаби олӣ 

Маълумоти олӣ 

Масъалаи ҷиддӣ 



Мукофоти Давлатӣ 

Маҷлиси машваратӣ 

Маърўзаи ҳисоботӣ 

Маълум мешавад 

Муаддии меҳнат 

Молҳои саноатӣ 

Нишони фахрӣ 

Нишондодҳо 

Номи фахрӣ 

Ошкор намудан 

Плани панҷсола 

Плани пахтасупорӣ 

Роҳбарӣ намудан 

Сарфи назар 

Сиёсати сулҳдӯстона 

Саъю кӯшиш 

Сол ба сол 

Соли ҷорӣ 

Синфи коргар 

Суръати кор 



Сиёсати сулҳдӯстӣ 

Сохтмони хоҷагӣ 

Сохтмони маданӣ 

Талаботи омма 

Тарбияи коммунистӣ 

Тараққиёти хоҷагии халқ 

Таълиму тарбия 

Тарбияи бачагон 

Тамоми кор 

Ташкилоти партиявӣ 

Тадқиқоти илмӣ 

Таърихи Тоҷикистон 

Ҳаёти осудаҳолона 

Ҳоли ҳозир 

Хоҷагии халқ 

Ҳосили баланд 

Ҳосили пахта 

Ҷамъияти коммунистӣ 

Ҷанги Бузурги Ватанӣ 

Ҷолиби диққат 



Шаҳру қишлоқ 

Шаъну шараф 

Шӯрои илмӣ 

## МАШҚҲОИ ТАҶРИБАВӢ

**Машқ:**

**Анҷумани XXVI Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ программаҳои ҳаматарафаи тараққиёти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқро муайян кард. Мушкилоти асосии хоҷагии қишлоқ дар оянда бо суръат зиёд кардани истеҳсоли ғалла мебошад.**

**Дар программа ба масъалаи минбаъд ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоию маишӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Программаи озуқаворӣи ИҶШС программаи баланд бардоштани дараҷои некӯаҳволии минбаъдаи Ватанамон буда, зуҳуроти ғамхории Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Давлати Шӯравӣ мебошад.**





Машқ:

Об барои зиндагонии инсонҳо, ҳайвонҳо ва растаниҳо бисьёр зарур аст. Оби кӯлҳои калон, баҳрҳои бузург ва баъзе чоҳҳо шӯр мешавад ва барои хӯрдани инсон ва ҳайвонҳо ба кор намеояд. Вале обҳои ҷӯй, наҳр ва чашмаҳо ширин аст. Мо аз онҳо барои нӯшидан, зироат кардан, истгоҳи барқӣ ва осиёҳо истифода мебарем. Одамон барои боркашонӣ за сафар кардан ҳам аз обҳо фоида мебаранд. Одатан, дар баҳрҳо, дарьёҳо ва кӯлҳои калон заврақҳо ва киштиҳо шино мекунанд. Онҳо одамон ва борҳоро ба ҷойҳои дур мебаранд. Ин хел киштиҳо ба зӯри оташ ва буғ ҳаракат мекунанд. Об барои ҳаёти инсон бисьёр зарур аст.







Машқ:

Дар Норак, дар дарьёи Вахш истгоҳи барқии обӣ сохтаанд. Деҳаи Норак дар тамоми дуньё машҳур гардидааст. Бинокорони ин сохтмон пеши роҳи Вахшро гирифтаанд. Оби дарьёи Вахш дар зери фишори ниҳоят баланд ба чархҳо меафтад. Ин қувваи барқии арзон на фақат Тоҷикистон, балки талаботи дигар ҷумҳуриятҳои бародарии Осиёи Миёнаро ҳам таъмин мекунад. Дар қатори истгоҳи барқии обии Норак, ҳоло чунин манбаи рӯшноӣ «Роғун» сохта истодаанд.





Машқ:

Ду сураткаш дар устой бо ҳам мудом баҳс мекарданд. Сураткаши якум сурати як сар ангурро чунон устодона кашид, ки дар дидан аз ангури ҳақиқӣ фарқ намекардӣ. Вақте ки сураткаш он суратро ба шохи дарахте овехта монд, баъзе паррандаҳо ангури ҳақиқӣ гумон карда, омада ба вай нӯл мезаданд. Сураткаш ин ҳолро ба рақиби худ нишон дода, баландии санъати худро исбот кард. Сураткаши дуюм барои нишон додани санъаташ сураткаши якумро ба хонааш бурд ва пардаеро нишон дода гуфт, санъатҳои ман дар пушти ҳамин парда истодаанд, кушода бин. Сураткаши якум даст бурда мехост пардаро бардорад, лекин донист, ки он парда набуда, сурати пардае будааст, ки дар девори хона моҳирона кашида шудааст.







Машқ: Ин машқро нависед ва хонед.







Кафтаре ба тӯри сайёд дар монд. Мӯрчае онро дида, ба даруни куртаи сайёд даромад. Аз пушти сайёд сахт газид. Сайёд тоқат карда натавониста, тӯрро партофт. Кафтар халосӣ ёфта, парида рафт. Мӯрча барои нӯшидани об ба ҷӯй фуромад. Мавҷи об мӯрчаро ғелонда бурд. Кафтар огоҳ шуд. Як чӯбчаи дарозро оварда, ба ҷӯй партофт. Мӯрча ба он часпида баромад. Ӯ бо ин роҳ аз мурдан халос шуд.

Машқ:

Аҳамияти олами наботот, растаниҳо, гиёҳҳо дар ҳаёти инсон ва ҳамаи олами зинда ниҳоят баланд аст. Аз ҳисоби растаниҳо ҷасадҳои зинда ғизо мегиранд. Ин вазифаи растаниҳоро илм фавран равшан карда натавониста буд. Фақат, баъд аз он ки илм бо донишҳои нав ба нав ғанӣ шуд, равшан гардид, ки наботот дорои қобилияти аз қувваи шуълаи офтоб фоидабарӣ буда, онро барои таркиби ҷасадҳо захира месозад.

Ҳаёти растаниҳо иборат аз доимо қувваи шиои офтобро ба моддаи кимиёвӣ мубаддал кардан мебошад.





Машқ:

Қувваи барқ ба таври васеъ дар истеҳсолот, дар корҳои маишии рӯзгор истифода бурда мешавад. Бо ин қувва трамвай, троллейбус, вагонҳои метро ҳаракат мекунанд. Он дар корҳои технологӣ, ки ҳарорати хеле баландро талаб мекунад, чунончи дар вақти истеҳсоли арзис ва омехтани металлу қӯрғошиму қалъагӣ истифода бурда мешавад. Телефон, телеграф, радио, телевизион ва монанди инҳо бо ин қувва кор мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки қувваи барқ ба воситаи симҳо ба ҷойҳои дур меравад. Аз ин рӯ, имконият аст, ки истеҳсолот араонтар ва васеътар карда шуда, вусъат ёбад, тараққӣ кунад.







Машқ:

Эҷоди бузургтарини Карл Маркс ҷилди «Капитал» дар соли 1867 дарҷ шудааст. Барои навиштани «Капитал» Маркс тамоми умр кор кардааст. Ин китоб самараи бисьёрсолаи кори Маркс доир ба таърих, фалсафа ва сиёсати иқтисодӣ аст. Маркс солҳо қонунҳои тараққиёти истеҳсолоти капиталистиро муфассал ва чуқур меомӯхт. Вай ҳамаи адабиёти доир ба масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодии мавҷудаи он вақтро медонист. Дар давоми кораш барои навиштани «Капитал» 1500 китобро хонда баромадааст. факат барои навиштани 20 саҳифа дар бораи қонуни коргарон дар Англия Маркс китобҳои як китобхонаро мутолиа кардааст. Маркс фақат баъд аз 24 соли машғулият бо сиёсати иқтисодӣ ҷилди 1 «Капитал»-ро аз чоп баровад.





**Машқ:**

Ба масъалаи бозсозӣ коммунистон ва ғайраҳизбиён, коркунони соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, эҷодкорон, ҷавонон ва ветеранҳо иштирок мекунанд. Зеро бозсозӣ ин ҳаёт ва сарнавишти мост. Идеяи социалистӣ ва бозсозии инқилобӣ амиқӣ, миқёс ва аҳамияти ҳаётӣ доштани ин проблемаро нишон ме-Ҳокимияти Шӯроҳо — Ҳокимияти тамоми халқ. Кордонӣ, мусо-



биқа, ташаббуси ҷасурона ва баробари ҳамин, кори мувофиқи нақша ҳамчун тадбири мутаносибу бошуурона фаҳмида мешавад.



**Машқ:**

Пос доштани хотири онҳое, ки қарзи интернационалии худро дар воки Афғонистон адо карда, дар ин роҳ ҷон бохтаанд, яке аз вазифаҳои муҳими пионерону наврасон, комсомолон ҷавонон аст. Дар ин бобат фаъолияти хуби кумитаи комсомоли ноҳияи Хӯҷандро қайд кардан лозим меояд. Бо ташаббуси комсомолони ноҳия, ҳамдастии дружинаҳои пионерӣ дар мактабҳое, ки ҷанговарони шаҳид таҳсил кардаанд, лавҳаҳои ёдгории мармарӣ гузошта шудаанд. Дар лавҳаҳо расми ҷанговарони шаҳид насб ва шарҳи ҳолу корнамоиашон мухтасаран ҳаққонӣ шудааст. Дар даромадгоҳи биноӣ мактаби миёнаи рақами 26 ба хотири



Машқ:

Рӯзи мурод барои деҳқонони хоҷагиҳои ҷумҳурият фаро расид. Онҳо ба туфайли кордонию меҳнати зарбдорашон аз имтиҳони сахти табиат пурзӯр омада, қавлашонро иҷро карданд. Ба хазинаи Ватан 887 ҳазору 217 тонна тиллои сафед рехта шуд. Мавсими имсолаи ғунунчини пахта дар ҷамъоварии мошинии ҳосил усулҳои пешқадами ташкили меҳнатро бори дигар собит намуд. Дар маъракаи ҳосилғундорӣ коргарону ходимон, занону духтарони хонашин, ба пахтакорон кӯмак расонданд. Ғалабаи пахтакорон дастовези арзандаи онҳо ба иди касбиашон — рӯзи коркунони хоҷагии қишлоқ аст. Меарзад, ки имрӯз ба онҳо таҳсину офарин гуфта, дар кори минбаъдаашон комьёбиҳо орзу намоем.





**Машқ:**

Забон муҳимтарин нишонаи ҳастии ҳар миллат аст, расму оин, тарзи тафаккур ва хусусияти ҳар кадом халқро дар худ таҷассум менамояд. Забон ҳар қадар содда, равон, фаҳмо, дастрасу ба халқ наздик бошад, вазифаи ҷамъиятии худро ҳамон қадар хубтар иҷро мекунад.

Забон рукни азими миллат аст, ки маҳз бо гум шудани забон ҳамон миллат, ки мутакаллим ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд.







**Машқ:**

Москва пойтахти Ватани мост. Дар Москва миллионҳо нусха рӯзнома, маҷалла ва китобҳо чоп мешаванд. Осорхона, китобхона, намоишгоҳ ва театрҳои Москва шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Дар шаҳри Москва олитарин идораи илмии мамлакатамон мавҷуд аст. Ин Академияи Фанҳои ИҶШС аст. Дар Москва Президиуми Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирони ИҶШС ва Комитаи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойгиранд. Москва шаҳри дӯстдоштаи халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад.

Меҳнаткашон, ҳамаи одамони пешқадами дунъё ба Москва меҳру муҳаббат доранд. Ситораҳои сурхи дурахшони манораҳои Кремль ьа тамоми кунҷу канораи мамлакати мо офтоб барин нури бахту саодат мепошанд. Москва дили Ватани мост.





Машқ:

Алишер бачаи ҳушьёр буд. Ӯ зеҳни бурро дошт. Вай адабиёти бадеиро беандоза дӯст медошт. Падари ӯ Ғиёсиддин барои зиёд шудани дониши писари шоёнаш ҳамеша ғамхорӣ мекард. Худи Алишер ҳам ба панду насиҳати падараш ва муаллимаш гӯш мекард. Алишери ҷавон дониши худро торафт васеъ мекунад ва монда нашуда китоб мехонад. Алишер ҳанӯз дар синни 9-солагӣ асарҳои шоирони замони гузашта ва замони худро омӯхта, шеърҳои онҳоро аз бар мекунад. Вай шеърҳои азьёдкардаашро борҳо аз дафтар ба дафтари дигар мебардошт. Дар натиҷа Алишер дар ҳусни хат ҳам ба натиҷаҳои намоён соҳиб мегардад. Шеърҳои ӯ дар байни халқ паҳн гардида, ҳама бо ҳаяҷон ва бо завқ мехонданд. Шеърҳои Алишер Навоӣ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ навишта шудаанд. Алишер Навоӣ аз хурдсолиаш орзу мекард, ки шоир шавад, маданияти халқи худро баланд бардорад ва ба вай хизмат кунад. Ӯ ба ин орзуи худ расида тавонист.







**Машқ:**

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бисьёр миллатҳо, гурӯҳҳои миллӣ ва халқҳо зиндагӣ мекунанд. Пеш аз Инқилоб ҳукумати подшоҳӣ ба онҳо ҷабру зулм мекард. Онҳо ба забони худашон мактаб кушода, фарзандони худро хононда наметавонистанд. Ҳукумати подшоҳӣ онҳоро ба якдигарашон зид мекунонд. Душмании миллатҳо ба ҳукумати подшоҳӣ бисьёр фоида мерасонд. Ӯ бо ин роҳ ҳукуматро дар дасти худ нигоҳ медошт. Дар замони Ҳокимияти Шуравӣ ҳамаи миллатҳо озод шуданд. Ҳукумати Шӯравӣ ба ҳамаи миллатҳо ҳуқуқи баробар додааст. Меҳнаткашони ҳар миллат бо забони модарии худ маданияташонро тараққӣ дода истодаанд.





Машқ:

Дар Тоҷикистон бисьёр муассисаҳо сохта шудаанд. Чунончи: заводҳои пахта, равған, собун, консерва, комибанти гӯшт, станцияҳои барқӣ, комбинати бофандагӣ, фабрикаҳои абрешим, шоҳӣ, либос, пойафзол ва дигар корхонаҳо сохта шудаанд. Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон асосан аз пахтакорӣ иборат аст. Ғайр аз он чорводорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, обчакорӣ низ тараққӣ кардааст. Дар баробари гул-гул шукуфтани саноат ва хоҷагии қишлоқ, маданияти халқи тоҷик низ тараққӣ карда истодааст. Ҳазорон бачаҳо дар мактабҳои олӣ ибтидоӣ ва миёна, ҳазорҳо ҷавонон дар мактабҳо хонда истодаанд.





Машқ:

Мақсадҳои бозсозии сиёсати иҷтимоию маданӣ чунинанд: қатъияи баланд бардоштани дараҷаи моддии зиндагии аҳолӣ; дар навбати аввал аз минтақаи қашшоқӣ баровардани оилаҳои камтаъмин (махсусан серфарзанд), кӯмак ба нафақахӯрон, инвалидон ва гурӯҳҳои дигари махсуси эҳтиёҷманди аҳолӣ, ғамхории ҳамаҷониба дар ҳаққи ятимон; афзун намудани сарватҳои мавҷудаи маънавӣ, маданияти халқ, фароҳам овардани шароити баробар тараққӣ кардани маданияти ҳамаи миллатҳои сокини ҷумҳурият.





**Машқ:**

Дар оғӯши кӯҳи баланди хушнамо лолаҳо ва чаманзори сабзгун манзараи хеле зебо ташкил кардаанд. Дар ҷойҳои сералафи кӯҳҳо гӯспандон, барраҳо ва бузу бузғолаҳои колхоз ва совхозҳо чаро мекунанд ва садоҳои форамашон мисли мусиқӣ дилрабо аст. Поезде, ки ҳавои кабуднамо ва ғафси кӯҳро бурида мегузарад, гӯё аз зебоиҳои табиӣ ба ҷӯш омада зудтар медавад. Паҳлавонони чарогоҳҳо — подабонон, чӯпонон ра ҷгу-заронро гусел мекунанд ва бо табассум хайру хуш мекунанд.







**Машқ:**

Офтоб мебаромаду фурӯ мерафт. Кору бори рӯзгор рӯз то рӯз зиёд мешуд. Лекин Мубораку Муртазо дар байни ҳамаи он вақт меёфтанд, ки паҳлу ба паҳлу нафасе дар пеши гули садбарг биистанд. Дар миёни ҳазор кору бори зарури дигар об додани он аз ёдашон намебаромад. Гули Садбарг ҳам, ки акнун бештар шукуфта, ба як дастаи гул монанд шуда буд, ҳар саҳар онҳоро бо хуррамӣ гусел мекард, рӯзи дароз интизор мешуд, ҳар бегоҳ хурсандона пешвоз мегирифт.





Машқ:

Яке аз хусусиятҳои замони боэсоӣ аз он иборат аст, ки мо на фақат бо рӯҳи инқилобӣ зиндагӣ мекунем, пеш меравем, балки ба гузаштаю санадҳои таърихӣ ба тарзи наву амиқ назар меандозем ва баҳо медиҳем. Аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳои хуш дар саргаҳи даврони нави таърихӣ таваллуди маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» мебошад, ки аз 10-уми апрели соли 1919 то 8-уми декабри соли 1921 интишор ёфт. Хушбахтона шумораҳои маҷаллаи мазкур дар китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В. И. Ленин, дар хазинаи дастнависҳои китобхонаи давлати ҷумҳурии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ва шӯъбаи мероси адабии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Мо бояд ба ин хазинаи бебаҳо, ки таърихи пайдоиши Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон, саҳифаҳои навтарини рӯзгори халқамонро инъикос менамояд, муносибати оқилона дошта бошем.









Машқ:

Кӯҳистони Дарвоз — диёри кӯҳҳои сарбаланд, рудбори пурхурӯш, чашмасори зулол, ошьёни уқобони баландпарвоз, макони нахчиру кабкони дарӣ, пистаю бодом ва чормағзу анори шаҳдбор. Дарвоз баробари табиати дилпазир, бо мардуми меҳнаткашу ҳунарманд машҳур аст. Мардуми Дарвоз дер боз орзу доштанд, ки ин заминҳои нокорамро шодоб намоянд. Пешрафти илму техника имкон дод, ки даштҳои ташналаби кӯҳӣ ба заминҳои кишт ва боғот табдил ёбанд. Имрӯз аз канори дарьёи Панҷ то домони кӯҳ қариб 40 ҳ. гектар киштзор ба боғоти хуррам бунъёд гаштааст. Олимони Институти Биологияи Помир, иқлими гарми ноҳияро, хусусиятҳои замини ҳосилхези даштро таҳқиқ карда, сипас дар ин қитъаи таҷрибаи илмӣ интихоб намуданд. Дашти Роғак имрӯз таровати дилкаше дорад ва макони ҳамдастии олимони Институти Биологияи Помир ва деҳқонони Дарвоз аст.









## НАВИШТИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲО БО ХАТИ СТЕНОГРАФӢ

Абадӣ 

Аввалин 

Агар 

Адад 

Адабиёт 



Азнавсозӣ 

Аён 

Аъзо 

Аъло 

Азим 

Аксари кор 

Аксарият 

Ақаллан 

Ақибмонӣ 

Албатта 

Алоҳида 

Алҳол 

Аммо 

Амалӣ 

Аҳамият 

Анҷуман 

Арбоб 

Арзон 

Асар 

Аслиҳа 



Асос 

Асосан 

Асри 20 

Афзоиш 

Ахбор 

Аҳолӣ 

Баланд 

Балки 

Баракс 

Баробар 

Баромад



Бартараф



Барпо



Бевосита



Бемасъулият



Бесавод



Бештар



Бешубҳа



Беҳтарин



Бисьёр



Бисьёртарин



Боварӣ



Бояд



Боқимонда



Вақт



Вазъият



Вазир



Вазифа



Ватан



Ватандӯстӣ



Вилоят 

Вобаста 

Вохӯрӣ 

Гарав 

Газвор 

Гандумкорӣ 

Гап задан 

Гузаронидан 

Зараррасонӣ 



Гуногун 

Давлат 

Далел 

Дахлдор 

Диққат 

Деҳқон 

Деҳа 

Деҳот 

Дохил 

Дигаргунӣ 

Дунъё


Дучор


Забони точикй


Забоншиносй


Замон


Замин


зарур


Зарурият


Захира


Заҳматкаш




Иборат


Ибрат


Идора



Иқтисодй


Иқтисодиёт

Илм


Имконият


Имтиҳон


Инкишоф


Интихобот


Инқилоб 

Исбот 

Истеҳсолот 

Истеҳсолӣ 

Истифода 

Истиқбол 

Иҷтимоӣ 

Калонтарин 

Калон 

Кабир 



Қарор 

Қатъӣ 

Қаҳрамонӣ 

Китобхона 

Коргар 

Корхона 

Корнамоӣ 

Котибот 

Қобилият 

Қонун 

Қувватнок



Қуръон



Кўшидан



Калима



Камбудӣ



Касаба



Қадимӣ



Қаноат



Кўҳистон





Лекин



Лоақал



Лозим аст



Луғат



Мамлакат



Манфиат



Марказ



Масъала



Маълум



Масъул



Матлубот



Мақсад



Маҳаллӣ



Маҳсулот



Маҷмуа



Мебоист



Мебошад



Мебуд



Мегуфт



Менамояд





Меҳнат



Меҳнаткаш



Миллӣ



Муаллим



Муайян



Муассиса



Мудофиа



Мукофот



Мулоқот



Муносибат



Навигарӣ



Наздик



Назорат



Намоён



Намоиш



Намоянда



Натиҷа



Нафақа



На фақат



Нашриёт





Натиҷа



Нақлиёт



Нутқ



Норасой



Одат



Оддӣ



Озодӣ



Озуқаворӣ



Олам



Олим



Омма



Оммавӣ



Орзу



Илм



Оқибат



Обод



Омӯзиш



Омӯзишгоҳ



Охирин



Пайваста





Пахтазор



Пахтакорӣ



Пахтачинӣ



Пешакӣ



Пешво



Пешвоз



Пурра



Пеш рафтан



Пешқадам



Раис 

Роҳбар 

Роҳбарикунанда 

Рӯзнома 

Талабот 

Такроран 

Тамоман 

Тантана 

Талаба 



Тараққӣ 

Тараққиёт 

Тарбиявӣ 

Тарҷума 

Тарҷумон 

Тасодуфӣ 

Тафтишот 

Тағьирот 

Таҷрибавӣ 

Тороҷ 

Тоҷикӣ 

Умуми 

Узв 

Умуман 

Унвон 

Усто 

Фан 

Факт 

Фақат 



Сабаб 

Саводомӯзӣ 

Сабзавот 

Савдо 

Сазовор 

Самаранок 

Санъат 

Саноат 

Сардор 

Сарчашма 

Сафарбарӣ



Сиёсӣ



Синф



Солона



Сохтмон



Сулҳ



Сулҳдӯстӣ



Супориш



Сиёсат



Суръат





Фаъолона



Фавран



Фавқулодда



Феодалӣ



Фикр



Фоиданок



Форсӣ



Фаъол



Фарқ



Фахрӣ



Фалсафа 

Фармудан 

Фаровон 

Фаолият 

Фаъолона 

Фақат 

Фармон 

Хабардорӣ 

Хазина 

Хабар 



Хатокорӣ 

Хизмат 

Хитоб 

Хитобнома 

Хокшиносӣ 

Хондан 

Химия 

Ходими илмӣ 

Хоричӣ 

Хотимавӣ 

Худтанқидкунӣ



Хоҳишмандӣ



Худпарастӣ



Чигит



Чигуна



Чорводорӣ



Чорпо



Чунончӣ



Шаклан



Шароит





Шарт



Шоир



Шумора



Шӯъба



Эзоҳ



Эълон



Эътибор



Эҷодкорӣ



Ягона



Якбора



Якдилй 

Яктарафа 

Якумин 

Яман 

Ярадоршавй 

Ятим 

Яъне 

Ҳаваскор 

Ҳаётй 



Ҳайъат 

Ҳамзабон 

Ҳамроҳ 

Ҳаракат 

Ҳарбй 

Ҳақиқат 

Ҳаққонй 

Ҳисобот 

Ҳоло ҳозир 

Ҳосил 

Ҳосилот 

Ҳукумат 

Ҷамоатчигӣ 

Ҷамъоварӣ 

Ҷамъият 

Ҷануб 

Ҷашн 

Ҷидду ҷаҳд 

Ҷиддӣ 



Ҷиноят 

Ҷовид 

Ҷорӣ 

Ҷонишин 

Ҷумла 

Ҷустуҷӯй 

## КАЛИМАҲОИ ИНЕТРНАЦИОНАЛӢ

Дар натиҷаи тараққиёти илму маърифат дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳои байналхалқӣ кор фармуда мешавад. Тарзи бо аломатҳои стенографӣ навиштани онҳоро нишон медиҳем:

Академия 

Акт 

Агроном 

Агротехника 

Автомат 

Август 

Ансамбль 

Атом 



Аппарат 

Аспирант 

Аспирантура 

Банк 

Бригада 

Большевик 

Бюро 

Биолог 

Биология 

Ботаника 

Биохимия 

Бюрократ 

Генералй 

Геология 

Геолог 

Гектар 

Депутат 

Демократия 

Диплом 

Дипломат 



Доктор 

Доллар 

Жюрй 

Завод

Заём 

Интернационал 

Инспектор 

Институт 

Империализм 

Империалистй 

Июнь 

Июль 

Кадр 

Капитализм 

Капиталист 

Кооператив 

Консул 

Коллективизация 

Комсорг 

Конгресс 



Комбинат 

Комсомол 

Комиссия 

Коммунист 

Конференция 

Клуб 

Лагер 

Лаборатория 

Лаборант 

Лектор 

Лекция 

Летчик 

Мандат 

Манифест 

Машина 

Митинг 

Миллион 

Миллиард 

Ноябрь 



Орден 

Октябрь 

Партизан 

План 

Паспорт 

Пленум 

Профессор 

Пролетариат 

Поликлиника 

Радио 

Россия



Резолюция



Реферат



Референт



Система



Слёт



Социализм



Стандарт



Совхоз



Техника





Техник



Техникум



Театр



Телефон



Телеграф



Телеграмма



Тонна



Тираж



Устав



Универмаг



Универсам

Узбекистон

Фабрика

Фирма

Фронт

Ферма

Физика

Физкультура

Фильм

Фестиваль



Хирург

Химия

Цех

Цирк

Чемпион

Шахта

Экология

Экспедиция

Экран

Ясли

Япония

## НОМИ БАЪЗЕ ВАЗОРАТҲОИ ҶУМҲУРИЯТ

Номи Вазоратҳоро бо аломати стенографии ҳарфи аввалашон навишта, дар зери онҳо хатча кашидан лозим аст.

Шӯрои Вазирони ЧШС Тоҷикистон 

Шӯрои Олии ЧШС Тоҷикистон 

Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 

Вазорати Маорифи Халқ 

Вазорати Алоқа 

Вазорати Маданият 

Вазорати Савдо 

Вазорати Молия 



Вазорати Саноати Маҳаллӣ 

Вазорати Хоҷагии Об 

Вазорати Нақлиёт 

Вазорати Саноати Сабук 

Вазорати Хизматрасонии Маишӣ 

Вазорати Хоҷагии Коммуналӣ 

Вазорати Корҳои Дохилӣ 

Вазорати Корҳои Хориҷӣ 

Кумитаи Ҳизбии Шаҳрӣ 

Кумитаи Иҷроияи Шаҳр 

Шӯрои Депутатҳои Халқӣ 

## НОМИ НОҲИЯ, ШАҲР ВА ВИЛОЯТҲО

Москва



Ленинград



Душанбе



Ленинобод



Конибодом



Исфара



Ўротеппа



Ноҳияи Айнӣ



Ноҳияи Ғафуров



Ноҳияи Турсунзода



Хатлон





Кўлоб



Ғарм



Колхозобод



Куйбышев



Ноҳияи Орҷоникидзеобод



Норак



Ҳисор



Вилояти Мухтори Бадахшони Кўҳӣ



Вилояти Қўрғонтеппа



Водии Вахш



Водии Ҳисор



## НОМҲОИ ГЕОГРАФӢ

Номҳои географӣ бо аломати аввалашон навишта мешаванд. Дар таги он номҳо хатчаи майда кашидан лозим аст. Дар ин ҷо баъзе аз номҳои географиро нишон медиҳем:

### ҶУМҲУРИЯТҲО

ИҶШС 

ҶШСФР 

ҶШС Тоҷикистон 

ҶШС Ӯзбекистон 

ҶШС Қазоқистон 

ҶШС Туркманистон 

ҶШС Қирғизистон 

ҶШС Арманистон 



ҶШС Озарбойҷон 

ҶШС Украина 

ҶШС Молдавия 

ҶШС Гурҷистон 

Ҷумҳурияти Халқии Булғористон 

Ҷумҳурияти Демократии Германия 

Ҷумҳурияти Федеративии Германия 

Ҷумҳурияти Халқии Югославия 

Ҷумҳурияти Халқии Венгрия 

Ҷумҳурияти Халқии Польша 

Ҷумҳурияти Халқии Хитой



Афғонистон



Эрон



Ҳиндустон



Туркия



Арабистон



Африка



Ветнам



Корея



Муғулистон





## МУНДАРИЧА


1. Муқаддима. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3
2. Нишондодҳои методӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . 4
3. Дарси 1. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5
4. Дарси 2. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7
5. Дарси 3. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
6. Дарси 4. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 11
7. Дарси 5. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15
8. Дарси 6. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
9. Дарси 7. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 20
10. Дарси 8. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
11. Дарси 9. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 22
12. Дарси 10. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 24
13. Дарси 11. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 25
14. Дарси 12. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 26
15. Дарси 13. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 28
16. Дарси 14. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 30
17. Дарси 15. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 31
18. Фразеограммаҳо. . . . . . . . . . . . . . . . . . 35
19. Машқҳои таҷрибавӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 47
20. Навишти баъзе калимаҳо бо хати стенографӣ. . . . . . 74
21. Калимаҳои интернационалӣ. . . . . . . . . . . . . 108
22 Номи баъзе Вазоратҳои ҷумҳурият . . . . . . . . . 120
23. Номи ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо. . . . . . . . . . . 122
24. Номҳои географӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . 124

**Каримова М.**

## СТЕНОГРАФИЯ

*(на таджикском языке)*

Мудири редакция *Аълами Худодод*
Муҳаррири ороиш *Ғ. Шукуров*
Муҳаррири техникӣ *Г. Холова.*
Мусаҳҳеҳ *Б. Холова.*

**ИБ 1880**

Ба матбаа 18.12.91 супурда шуд. Ба чопаш 26.04.91 имзо шуд. Формати 60X90 $^{1}/_{16}$. Чопи офсет. Коғази офсет. Ҷузъй чопии шартӣ 8. Ҷузъи рангаи шартӣ 8,25. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,93. Адади нашр 6000 нусха. Нархаш 55 тин.

Нашриёти «Маориф», 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.